**Суратҷаласаи №6.2.**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

аз 15 октябри соли 2022 ш. Кӯлоб

**Иштирок доштанд:** Аз 15 нафар ҳайати Шурои диссертатсионӣ, 15 нафар иштирок доштанд. Аз ҷумла, 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм, дотсент оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода шавад.

Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМА:**

**1.** Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзуи «Ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои зитшиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.

**ШУНИДА ШУД:** Гузориши Раисикунандаи Шурои диссертатсионӣ Қурбонов А.Ш. ва раиси комиссияи экспертӣ профессор Мирзоев С.С. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**БАРОМАД КАРДАНД:** д.и.ф., профессор Қурбонов А.Ш., ҷиҳати тағйирот ворид сохтан дар номи рисолаи баррасишаванда. Номбурда пешниҳод намуд, ки дар номи мавзуъ калимаҳои “ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳо, фарҳанг, фанҳои зитшиносӣ” гирифта шавад, ва ба ҷои калимаи фанҳои зитшиносӣ ба он калимаи мувофиқ гирифта шуда, калимаи “биология” навишта шавад.

Сипас профессорон Ғуломов Ислом, Холназаров Санг баромад намуда, пешниҳоди болоро дастгирӣ намудаанд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Дар асоси тавсияи ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 002 ва ризоияти аспирант Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна мавзуи рисолаи номзадии ӯ минбаъд чунин **номгузорӣ карда шавад:** «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология»;

2. Диссертатсияи Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзуи «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар чараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот барои **ҳимоя иҷозат** дода шавад;

3. **Ба сифати муассисаи пешбар:** Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **ва ба сифати муқарризони расмӣ:** Холназаров Санг – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимӣ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"; Сайдаҳмадзода Дилором – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Маркази омӯзиши "Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон" – и - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шаванд;

4. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад;

5. Рӯзи ҳимоя 24 декабри соли 2022, соати 14:00 муайян карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунандаи ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Қурбонов А.Ш.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
н.и.п., дотсент Рафиев С.А.

15. 10. 2022

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ